***ТДУ К37***
***ТКБ 74.03***

***ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ МАКТАББАЧАГОН ДАР ҶАРАЁНИ ФАЪОЛИЯТИ МЕҲНАТӢ***

***Қӯзиев Мурод Азимович****, дотсенти кафедраи технология ва усули таълими они МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" (Тоҷикистон,Хуҷанд)*

***РАЗВИТИЕ ЛИЧНОСТИ ШКОЛЬНИКОВ В ПРОЦЕССЕ ТРУДОВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ***

***Кузиев Мурод Азизович,*** *доцент кафедры технологии и методики ее преподавания ГОУ "ХГУ имени акад.Б.Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

***THE DEVELOPMENT OF SCHOOLCHILDREN`S INDIVIDUALITY IN THE PROCESS OF LABOUR ACTIVITY***

***Kuziyev Murod Azizovich,*** *Associate Professor of the department of technology methods teaching under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand),****E-mail:*** *uchzaphgu@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *тарбияи меҳнатӣ, интихоби касб, шахсият, хонанда, равоншиносӣ, таълим*

*Мақола ба баррасии масъалаи ташаккули шахсияти талабагон дар ҷараёни таълими меҳнат бахшида шудааст.Қайд мешавад, ки дар раванди фаъолияти меҳнатӣ шаклҳои нави муносибатҳо байни насли наврас ба миён меоянд, ки ин ба ҷараёни шаклгирии шахсияти онҳо таъсир мегузорад. Муаллиф дар асоси назарияҳои пешниҳоднамудаи педагогон раванди ташаккуклёбии шахсияти мактаббачагонро омӯхта, чунин андеша дорад, ки фаъолияти меҳнатӣ ба тавсеаи меҳнатдӯстӣ, интизомнокӣ, созмондиҳӣ, ирода, муносибати эҷодӣ ва дастҷамъона кор кардан барин сифатҳои шахсият таъсири мусбат мегузорад. Хулоса мешавад, ки фаъолияти меҳнатии хонандагон на танҳо дар дарсҳои "Технология"(Таълими меҳнат"), балки дар раванди омӯзиши фанҳои нави "Асосҳои истеҳсолот", "Интихоби касб", "Информатика ва технологияи ҳисоббарор" низ ба роҳ монда мешавад.*

***Ключевые слова:*** *профессиональная подготовка, выбор профессии, личность, ученик, психология, образование*

*Статья посвящена исследованию одного из важнейших вопросов современной педагогики - формированию личности школьников в процессе трудовой деятельности. Отмечается, что в процессе труда возникают новые формы взаимоотношений между подрастающим поколением, влияющие на формирование их личности. На основе предложенных педагогами теорий автор исследует процесс становления личности школьников и считает, что трудовая деятельность положительно влияет на развитие таких качеств личности, как трудолюбие, дисциплинированность, организованность, укрепление воли, умение творчески подходить и работать в команде. Сделан вывод, что трудовая деятельность школьников осуществляется не только на уроках по предмету «Технология» ("Трудовое обучение)", но и в процессе изучения современных учебных предметов, таких как «Основы производства», «Выбор профессии», «Информатика и компьютерные технологии»".*

***Key-words:*** *vocational training, choice of profession, personality, student, psychology, education*

*The article dwells on the study of one of the most important issues beset with modern pedagogy being schoolchildren`s individuality formation in the process of labour activity. It is underscored that in the relevant process, new forms of relationships arise between the younger generation affecting the process aimed at their personality formation. Designing on the premise of theories proposed by lecturers and teachers the author canvasses the process in question and believes that labour activity has a positive effect on the development of such personality qualities as, hard-working, discipline, organization, improvement of will, creativity and teamwork skills. In a nutshell, the author concludes that the labor activity of schoolchildren is carried out, not only at technology lessons ("Labor training"), but in the process of study in reference to modern educational subjects such as "Grounds of Production", "Choice of Profession", "Informatics and Computer Technologies" either.*

Ташаккули инсон ҳамчун шахсият дар таъсири байниҳамдигарии табиат, муҳити иҷтимоӣ ва худи шахс ҷараён мегирад, ки ин ба тағйирёбии хусусии ӯ мусоидат менамояд. Маҳз дар ҷараёни фаъолият шаклҳои нави муносибат ба зуҳур омада, инсон ҳамчун шахсият ташаккул

меёбад. Ба таври дигар гӯем, инсонро қабл аз ҳама фаъолияти шахсии ӯ такмил ва ташаккул медиҳад. Мафҳуми "фаъолият"-и инсон дар илм мазмуни комилан муайян дорад. Инсон ба фаъолият чун мавҷудияти худро аз табиат бошуурона ҷудокунанда ва бошуурона кӯшанда барои расидан ба мақсадҳои дар назди худ гузоштааш шурӯъ менамояд. Тавре ки маълум аст, фаъолиятӣ меҳнатӣ мавзӯи баҳси педагогика ва психология мебошад: барои ин фанҳо хусусияти басо муҳим он аст, ки он ҳамеша ба мақсад равона, бошуурона, фаъол ва аз лиҳози иҷтимоӣ шаклёфта мебошад. Бояд тазаккур дод, ки ҳанӯз дар солҳои бистум меҳнат дар шаклҳои басо гуногун ба ҳаёти мактаби маълумоти умумӣ ворид гашта буд. Вале чунонки натиҷаҳои тадқиқоти мо нишон доданд, меҳнат худ аз худ сифати тарбияи одами навро беҳтар намекунад. Натиҷаҳои меҳнати хонандагон, бешубҳа, муҳиманд, вале аҳамияти меҳнат, ба фикри мо, пеш аз ҳама на танҳо аз тарафи онҳо муайян гардидааст, балки самараи педагогии меҳнати мактаббачагон дар низоми умумии ташаккули шахсияти инсон чӣ гуна аст, вобаста аст. Низоми тарбияи меҳнатии хонандагон қисми таркибии ҷудонопазири тамоми кори таълимиву тарбиявии мактаб мебошад. Гузошта аз ин, онро танҳо чун таълими меҳнат ва таҷрибаи истеҳсолии хонандагон маънидод кардан комилан хатост. Тарбияи меҳнатӣ, ки бо меҳнати таълимӣ алоқаи узвӣ дорад, ба фаъолона бедор сохтани завқ мусоидат менамояд. Таълими муттасили меҳнатӣ ба малакаю маҳорати зарурӣ ва интихоби касби мактаббачагон таъсир мегузорад. Бояд хонандагонро бо тамоми гуногунрангӣ ба намудҳои мухталифи фаъолияти ҷамъиятии фоиданок (аз корҳои оддитарини худхизматрасонӣ то шаклҳои бештар аҳамиятноки меҳнати истеҳсолии ҷамъиятии фоиданок) бо мақсади ташаккул додани меҳнатдӯстӣ, дастҷамъӣ дар робита бо ҷиҳатҳои ҷамъиятию сиёсӣ, зебоипарастӣ ва ғайра ҷалб карда шаванд. Ҳама гуна фаъолияти бошуурона аз гузориш ва дарки мақсад оғоз меёбад. Қонунияти мазкур дер боз маълум аст: мақсад ҳар чӣ қадар аҳамияти бештари ҷамъиятӣ дошта бошад, ҳамон андоза мактаббачагон ба кор бо дарку эҳсоси масъулият муносибат мекунанд ва боғайрат меҳнат мекунанд. Чунин кор ба ташаккули шахсияти хонандагон таъсири хеле қавӣ мерасонад. Аз ин рӯ моҳияти ҷамъиятии ҳама гуна намуди меҳнати истеҳсолӣ ва кори ҷамъиятии фоиданокро онҳоро ошкор сохтан зарур аст. "Мо ба он муваффақ мегардем, ки кӯдакро хоҳиши бо меҳнат ба ҷамъият манфиат расонидан рӯҳбаланд намояд",-навишта буд В.А.Сухомлинский [6, с.102]. Дар мактаби Павлиш ин бозгӯи аҳамияти ҷамъиятии меҳнат, ки дар он бачагон иштирок доштанд, аз синни хурдсолӣ оғоз ёфта буд. "Ҳанӯз дар солҳои бачагӣ тарбиятгирандагони мо медонанд, ки кори онҳо на бозӣ, балки кори ниҳоят ҷиддии зарурии ҷамъиятӣ мебошад. Тобистон хонандагони синфҳои поёнӣ барои гӯсолаҳо якчанд тонна алафи дорои витамин ҷамъ меоваранд. Онҳо медонанд, ки агар ин корро иҷро накунанд, ҳеҷ кас ба ҷои онҳо кор намекунад ва дар хоҷагӣ чунин хошоки пурқимат ҷамъ намешавад. Ё боғбони хоҷагӣ аз мактаббачагони хурдсол гурӯҳи кории на чандон калон ташкил мекунад, ки боғ бунёд карда, дар он ҷо ниҳолҳои дарахтони мевадор мешинонанд. Ё ба яке аз звеноҳои бачагона супориш медиҳанд, ки як тоннагӣ беҳтарин тухмиҳои гандум ва ҷуворимакка ҷамъ оваранд. Бачагон медонанд, ки аз ин кори онҳо соли оянда дар қитъаҳои кишт чӣ ҳосил гирифтан вобастагӣ дорад" [6, с.103].

Фикри В.А.Сухомлинскийро дар ин маврид такмил дода, М.Н.Скаткин чунин меҳисобад, ки "ғамхориро дар ҳаққи мактаббачагон ба андозаи рушди худфаъолиятӣ дар онҳо суст карда, педагог бояд ба дасти онҳо ҷустуҷӯи мақсадҳо ва вазифаҳои фаъолияти меҳнатии ҷамъиятии фоиданокро диҳад, ҳамзамон дар онҳо муносибати хоҷагидорӣ, мавқеи фаъоли шаҳрвандиро парварида, ташаббусро ҳамаҷониба қадр ва дастгирӣ намояд" [4, с.62].Ҳамин тавр дар шароитҳои мувофиқ ва мақсаднокии муайян меҳнати мактаббачагон дар тарбияи шахсият омили ҳалкунанда мегардад. Муҳимтарин шарти психологӣ-педагогии таъсириривоҷёбанда ва тарбиятгари меҳнат фаъолнокии хонанда мебошад. Барои боло бурдани он педагогҳои варзида бояд масъалаи омӯхтани проблемаҳои техника, технология ва ташкили меҳнатро дар равандҳои истеҳсолии воқеии мушаххас ба миён гузоранд. Мактаббачагон бо ҳамин роҳ усулҳои таҳлили ҳолатҳои меҳнатӣ, тавсияти муаммоҳои техникӣ, пешниҳоди ихтироот, гирифтан ва асосноккунии қарорҳои таълимӣ-истеҳсолиро меомӯзанд.

Лозим ба таъкид аст, ки барои фаъолнокии мактаббачагон фаъолияти тадқиқотӣ, ки дар ҷараёни таълими меҳнатӣ, меҳнати истеҳсолӣ ва ҷамъиятии фоиданок ташкил меёбад, ба андозаи муайян мусоидат менамояд. Ба шартҳои табдилдиҳандаи фаъолияти меҳнатӣ ба фаъолияти асосӣ ва пешбари мактаббачагон муносибатҳои тарбиявӣ ва дидактикиро дохил кардан мумкин аст, ки дар ҷараёни таълими меҳнатӣ ва меҳнати истеҳсолии фоиданоки

ҷамъиятӣ арзи вуҷуд менамоянд. Натиҷанокии баланди меҳнат, арзиши иҷтимоии он, фаҳмиши аҳамияти субъективонаи меҳнати марбут ба ҷидду ҷаьд ва ғайрат, маҷмӯи ҳиссиёт, кайфият ва кӯшишҳои ахлоқӣ, эстетикӣ ва ақлониро ба вуҷуд меоранд. Донистани мазмуннокии меҳнат, асосноккунии илмии он, паҳлуҳои эҷодӣ ба далелнокии фарох, ки ба таълимот ва фаъолияти меҳнатӣ таъсир мерасонанд, мусоидат менамоянд.

Яке аз натиҷаҳои табдил ёфтани фаъолияти меҳнатии мактаббачагон ба фаъолияти асосӣ ва пешбар, бешак, омодагии равонӣ ба меҳнат мебошад.

Аксар муаллифон мунсифона чунин меҳисобанд, ки ”... омодагӣ ба меҳнат, аввалан, дар ҷараёни таълим ва тарбияи меҳнатӣ, иштироки мактаббачагон дар меҳнати истеҳсолӣ, фоиданоки ҷамъиятӣ ташаккул ёфта, вазъи устувори психологӣ мебошад, ки бо мавҷудияти талабот ба меҳнат муайян мегардад;

Сониян, бо чунин сифатҳои шахсият тавсиф мегардад, ки шарти муносибати мусбат ба фаъолияти меҳнатӣ, имкони фаъолнокии он, татбиқи эҷодӣ, ҳамчунин муҳимияти ин имконият ҳар дафъа, вақте ки зарурати ҷамъиятӣ ва шахсӣ ба миён меояд;

Сеюм, он ҳам унсурҳои марбут ба шахсият ва ҳам марбут ба амалиётро дарбар мегирад.

Ба унсурҳои аввал инҳо мувофиқат мекунанд: силсилаи муносибатҳо, манфиатҳо, мақсадҳо, одат ва дастур ба меҳнат (ва чун натиҷа-талабот ба меҳнат, ки аз ҷумла дар худмуайянкунии касбӣ татбиқ мегардад), сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳимми шахсият, хусусиятҳои ҳиссӣ ва иродавии он. Ба унсурҳои амалиётӣ низоми донишҳо маҳорати умумимеҳнатӣ ва касбӣ (махсус), хусусиятҳои фаъолияти ақлонӣ” [2, с.8-9].

Дар адабиёти психологиву педагогӣ аксар ҷанбаҳои ташаккули шахсият дар фаъолияти меҳнатӣ баррасӣ мегарданд. Чунончӣ Э.А.Фарапонова таъкид менамояд, ки махсусияти талаботҳои инсонӣ бо табиати иҷтимоии фаъолият, пеш аз ҳама хусусияти ҷамъиятии меҳнати инсон муайян карда мешавад. Дар ин ҷанба метавон гуфт, ки талабот ин натиҷа ва заминаи фаъолияти меҳнатӣ мебошад. Талабот ба меҳнат чун категорияи иҷтимоӣ дар рафти инкишофи ҷамъият ба андозаи такомули қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолии он тағйир меёбад. Дарки моҳияти иҷтимоии меҳнат, зарурат ва умумияти он барои мавҷудият ва инкишофи чи ҷамъият дар маҷмӯъ ва чи шахсият талаботи ташаккулёфта дар меҳнат мебошад [7, с.13].

А.А.Смирнов масъалаҳои равонии омодагии мактаббачагонро ба меҳнат таҳқиқ намуда, унсурҳои зерини талаботи бошууронаро дар он нишон додааст: фаҳмиши равшани моҳияти ҷамъиятии меҳнат, зарурати он дар ҳаёти ҷамъият ва ҳар як инсон дар алоҳидагӣ; эътимод бар он ки хеле хуб меҳнат кардан лозим аст, дастур ба ҳосилнокии баланди меҳнат; хоҳиши қатъӣ ва одат ба меҳнат кардан; муҳаббат ба меҳнат, ки дар рафтори воқеии меҳнатӣ ва ҳамзамон (ва ин ҳатмист) ба тамоми ҳалқаҳои қиссиёт, ки меҳнат дар ҳар нафар ба вуҷуд меорад, ки барои ӯ он кори ҳаётист; самти меҳнатии равшан ифодаёфтан шахсият дар робитаи устувори он бо рафтори худ дар меҳнат; маҳорату малакаҳои зарурии меҳнатӣ; эҳтиром ба ҳама гуна меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, аз ҷумла пастихтисос; ташаккулёбии манфиатҳои меҳнати, майлу рағбат ва муносибати интихобӣ ба намудҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ, ки бо тафовутҳо дар мундариҷаи онҳо ва таносуби хусусиятҳои инфиродии шахсият вобастагӣ доранд, гузашта аз ин, омодагии бошуурона ва ихтиёрӣ ҳангоми зарурат ба иҷрои ҳама гуна кор. Ақидаи муаллифро идома дода гуфтан лозим аст, ки талабот ба меҳнат чун яке аз муҳимтарин категорияҳои шахсият ба андозаи матлуб бояд ташаккулёфта ва тарбиятгирифта бошад. Худи тарбияи талабот ба меҳнат бояд, бешак, тавре ки Э.А.Фарапонова дуруст қайд менамояд, дар робита бо мақсадҳои усулҳои ҷамъиятии иҷрои амалҳое, ки ба олоти меҳнат (тарзу усулҳои амал) дар ҷараёни фаъолияти меҳнатии аҳамияти ҷамъиятӣ дошта мавриди назар қарор дода шавад [5, с.14].

Шинос кардани инсон ба меҳнат, ворид намудани он ба фаъолияти меҳнатӣ ва ташаккул, тарбияи талабот ба меҳнат бидуни талқини сифатҳои шахсият, ки барои фаъолияти муваффақонаи меҳнатӣ заруранд, камсамар хоҳад буд. Дар байни чунин сифатҳо меҳнатдӯстӣ, интизомнокӣ, созмондеҳӣ, паҳлӯҳои иродавии шахсият, муносибати эҷодӣ ва фаъолона ба меҳнат, тамоюли дастҷамъона ва масъулияти марбутаро ҷудо кардан мумкин аст. Ба ҷуз сифатҳои ишораёфтаи шахсият, ки дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ ташаккул меёбанд боз хусусияти меҳнатӣ (касбӣ), ҳавасмандӣ ба натиҷаҳои фаъолияти меҳнатӣ, кӯшиш ба мустақилият ва ҳавасмандӣ чи дар ҷараёни технологии меҳнат, чи дар натиҷаҳои онро ба таъкид овардан мумкин аст. Сифатҳои ишораёфтаи интегралии шахсият дар фаъолияти

мақсадноки меҳнатӣ, ки бо назардошти хусусиятҳои синнусолии бачагон ва наврасон дар шаклҳои гуногун ташкил меёбанд, муваффақона метавонанд ташаккул ёбанд. Э.А. Фарапонова ба ин сифатҳо тамоюли ҷамъиятӣ, дастҷамъонаи шахсият-омили ташкилдиҳандаи низом меҳнатдӯстӣ, ки дар он талаботи шаклгирандаи инсон ба меҳнат инъикос меёбад, масъулият, мустақилият, ки чун мустақилияти самаранок фаҳмида шуда, заминаи худташкилдиҳӣ, худтанзимшавӣ, худтакмилдиҳӣ, ташаббускорӣ ва муносибати эҷодӣ ба меҳнат мебошад [7, с.14].Вале муаллиф чунин сифатҳоро монанди самти шахсият ва моҳияти ҷамъиятиву дастҷамъонаи он ҷудо ва ишора намуда, онро ба ҳисоб намегирад, ки дар амалия тамоюли меҳнатӣ (касбӣ) низ вуҷуд дорад.

К.К.Платонов самти меҳнатро ба таври умумӣ чун зерсохтори шахсият тавсиф менамояд. Дар ин маврид аз ҷониби ӯ таъкид мегардад, ки "самт"-и шахсият як қатор сифат; сатӣ, фарохӣ, сермаҳсулӣ, устуворӣ, таъсирбахшӣ ва як қатор шаклҳо; шавқу рағбат, хоҳиш, манфиатҳо, лаёқат, идеалҳо, ҷаҳонбинӣ ва эътимод дорад [3, с.74].Вале ин муаллиф тавсифи самти меҳнатӣ (касбӣ)-и шахсиятро, ки чун дигар сифатҳои шахсият дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ шакл меёбад, низ намедиҳад. Ҳол он ки, ба андешаи мо, самти меҳнатӣ ҳамон заминаест, ки муваффақии фаъолияти шахсият дар намуди мушаххаси меҳнат ба он такя менамояд.

Ҳол он ки, тавре ки муҳаққиқон дуруст қайд менамоянд, масъалаи фаъолияти меҳнатӣ то ҳол ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст ва бинобар он сохтани қолабҳои он, ҷудо кардани низоми параметрҳо, ки самти меҳнатиро тавсиф менамоянд, тақсими робитаи ин бузургиҳо вазифаи басо муҳим мебошанд. Таҷрибаи муайяни равшан сохтани моҳияти самти меҳнатӣ ва ҷудо кардани бузургиҳои он аз тарафи Ю.А.Кореляков ҷараён гирифт. Самти меҳнатиро ӯ чун ".... самте, ки дар асоси он низом мақсадҳои сахт афзалиятдошта аз бобати иерархц муташаккил қарор дорад, ки бо фаъолияти меҳнатӣ алоқаманд мебошанд. Маҳз чунин низом устувории олии шахсиятро дар муносибати он ба меҳнат таъмин менамояд" [1, с.108]. Ба ақидаи мо, тасдиыи муаллиф саҳеҳ аст, ки танҳо як низоми мақсадҳои афзалиятдошта, аз ҷиҳати иерархц ташкилёфта самти меҳнатиро пурра таъмин карда наметавонад, яъне самти меҳнатӣ бо таъсири на танҳо як мақсад ташаккул меёбад.

Сипас Ю.А Кореляков самти меҳнатиро ба таҳлил гирифта, чаҳор аломати онро ба тариқи зайл нишон медиҳад: "Ҷиҳати аввал бо мақсадҳое пайвастагӣ дорад, ки хонандагонро ба дигаргунсозии мақсадноку фаъол ва "ба инсон хоси табиат, олотҳои меҳнат ва бо ёрии олотҳои меҳнат ба маҳсули меҳнат табдил додани оньо, яъне ба ашёҳои ба одамон зарури водор менамояд. Минбаъд ин ҷиҳатро мо иҷтимоияти самти меҳнатӣ меномем. Ҷиҳат (параметр)-и дуюм бо мақсадҳое алоқаманд аст, ки хонандагонро ба меҳнат кардан, пеш аз ҳама, ба манфиати умумӣ водор месозад. Ин ҷиҳати дуюмро мо вобастагӣ (ё зуҳури) ҷамъиятии самти меҳнатӣ меномем. Нишондиҳандаи сеюм ба маҷсадҳои водоркунандаи хонандагон ба азхудкунии самаранок, аз ҷумла ба истифодаи фаъолона, пурсамар ва эҷодии олоти меҳнат ва дигар воситаҳои истеҳсолот такомули онҳо, ҳамчунин ба инкишоф ва дигаргунсозии худ чун иштирокдорони раванди меҳнат алоқаманд мебошад. Ин нишондиҳандаро мо чун самаранокӣ ишора мекунем. Ҷиҳати чорум бо мақсадҳое иртибот дорад, ки хонандагонро ба ворид гаштан ба ҷомеаҳои меҳнатӣ, мутобиқати фаврӣ ба онҳо, ба омӯхтани усулҳо ва воситаҳои таъсири ҳамдигарии мақсадноки бевосита (дар шакли таълим) ва бавосита (ба воситаи ашё ва олотҳои меҳнат, ҳуҷҷатҳои гуногун ва дигар воситаҳои истеҳсолот) бо дигар иштирокчиёни ҷараёни меҳнатӣ, зиёда аз ин ба тобеъ гардонидани манфиатҳои худ ба кори умумӣ водор менамоянд. Минбаъд ҷиҳати чорум коммуникативият номида мешавад" [6, с.109-110]. Пасон муаллиф боз се аломатро ба қолаб ворид месозад, ки онҳо устуворӣ, муассирӣ ва фарохӣ мебошанд.

Тавре ки мебинем, қолаби коркардашудаи низоми самти меҳнатӣ ба ҳадафҳо такя менамояд. Ба назари мо чунин мерасад, ки қолаби низомҳое, ки ба ҷиҳатҳои танҳо мақсадҳо такя менамоянд, коркарди минбаъда ва мукаммалро металабад. Аз афташ, мафҳум, ҳамчунин низоми муайян (самти меҳнатӣ)-ро дар маҷмӯъ дар доираи нисбатан фарох танҳо бо нишондиҳандаи маҷсадҳо маҳдуд нашуда, мавриди назар қарор додан зарур аст. Таҷриба ба таври мӯътамад нишон медиҳад, ки дар ташаккули самти меҳнатӣ ба ҷуз мақсадҳо, манфиатҳо, майлу рағбат, муносибати хонандагон ба меҳнат (мусбат ва ё манфӣ), ҳамчунин худи омодагии меҳнат (мундариҷаи он, ташкили шаклҳо, таъсири тарбиявӣ) наҷши басо муҳим доранд.

Ба тарбияи самти меҳнатии фаъол чунин омили муҳим, ки тез-тез ба назар мерасад, чун моҳияти ҷамъиятии меҳнати мактаббачагон, маҳдудии он якрангӣ, боздеҳи сусти иқтисодӣ таъсир мерасонад.

Дар замони ҳозира шиносоии пурсамари мактаббачагон ба меҳнат, ташаккули сифатҳои арзишманди ахлоқии шахсият дар ҷараёни таълими фанни “Технология” (таълими меҳнат), тарбияи самти меҳнатӣ дар зиёдшавии вақти таълими ба меҳнат ҷудошаванда ба назар мерасад. Меҳнат ба ҷадвали соатҳо (ҷамъиятии фоиданок ва истеҳсолӣ) дохил карда шудааст, фанҳои нав (асосҳои истеҳсолот, интихоби касб, информатика ва техникаи ҳисоббарор), ҷорӣ гардидаанд, тибқи қонунгузорӣ, дар асосьои шартномавц, робитаи мактаб бо истеҳсолот барои ташкили омодагии меҳнатии хонандагон густариш меёбанд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Кореляков, Ю А. Воспитание трудовой направленности у сельских школьников /Ю.А.Кореляков//Психологические основы трудового воспитания школьников.-М.,1988.-31с.
2. Народное образование в СССР. Общеобразовательная школа. – М.: Юрид.лит., 1987. – 333с.
3. Платонов, К.К. Структура и развитие личности/К.К.Платонов.– М.: Наука, 1986. – 254 с.
4. Скаткин,М.Н.Школа и всестороннее развитие людей/М.Н.Скаткин.–М.:Просвещение,1980.-144 с.
5. Смирнов,А.А.О психологической подготовке к труду /А.А.Сминов//Вопросы психологии.-№ 1. М.1964.
6. Сухомлинский, В.А. О воспитании/В.А.Сухомлинский.–М.;Политиздат,1979 - 270с.
7. Фарапонова, Э.А.Психологические основы трудового воспитания школьников / [Э. А. Фарапонова, Т. И. Данюшевская, Т. И. Жукова и др.]; Под ред. Э. А. Фарапоновой; НИИ общ. и пед. психологии АПН СССР. - М. : Педагогика, 1988. – 163с.


## REFERENCES:


1. Korelyakov, Yu A. Upbringing of a Labor Orientation in Rural Schoolchildren/Yu.A.Korelyakov// Psychological Grounds of Schoolchildren`s Labor Education. - M.,1988.–31 p.
2. Public Education in the USSR. Comprehensive School. - M.: Juridlit., 1987. – 333 p.
3. Platonov,K.K.Structure and Development of Personality/K.K.Platonov.-M.: Science, 1986. - 254 p.
4. Skatkin, M.N. School and All-Round Development of People / M.N. Skatkin. - M.: Enlightenment, 1980. - 144 p.
5. Smirnov, A.A. On Psychological Preparation for Labor / A.A. Sminov // Issues of Psychology. - No. 1. – M., 1964.
6. Sukhomlinsky, V.A. Concerned with Upbringing / V.A. Sukhomlinsky. - M.: Politizdat, 1979 -270 p.
7. Faraponova, E.A. Psychological Grounds of Schoolchildren`s Labor Education / [E.A. Faraponova, T.I. Danyushevskaya, T.I. Zhukova and others]; under the editorship of E.A. Faraponova; The Research and Pedagogico-Psychological Institute of the USSR Academy of Pedagogical Sciences. - M.: Pedagogy, 1988. – 63 p.